# Ғалатҳои сомонаи Луғат ("Таджикский Словарь")

Submitted by Ҳайати тадорукот on 30 August, 2017 - 17:18

[1]

Баъд аз баррасӣ ва мутолиаи муҳтавои қисми тоҷикии сомонаи " Луғат", ки дар нишонии интернетии https://www.lugat.tj/ [2] ҷойгир шудааст, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулоса омад, ки сомонаи дар боло зикршуда ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми октябри соли 2011, №458 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ намебошад.
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ноширони масъули қисми

тоҷикии сомонаи "Луғат"-ро, ки муҳтавои сомонаро бо забони тоҷикӣ интишор мекунанд, огоҳ карда, пешниҳод мекунад, ки тамоми ғалатҳои имлои забони тоҷикии сомона бояд ислоҳ карда шаванд. Гузориши хатоҳои намунавии имлои забони тоҷикӣ замима карда шудааст.

**Content rating:** 1

Average: 1 (1 vote)

Rate

## Category:

- Сомонаҳои ғалатдор [3]

**Source URL:**https://kumitaizabon.tj/en/node/113

**Links**
[1] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/lugat%20%281%29.PNG [2] https://www.lugat.tj/ [3] https://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/62